**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Ф.М. “Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия” ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти мақомоти прокуратураро дар бар гирифта, дар он мафҳум, хусусиятҳо, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва дигар унсурҳои вазъи маъмурии ҳуқуқии мақомоти мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Яке аз самтҳои муҳимми таъмини рушди кишвар islоҳоти идораи давлатӣ маҳсуб меёбад, ки дар партави он чорабиниҳои зиёди ташкилӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гашта истоданд. Прокуратура яке аз мақомоти муҳимми давлатӣ арзёбӣ гардида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии кишвар нақши муҳимро иҷро менамояд. Дигаргунсозиҳои амиқ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва иқтисодиёти бозорӣ нигаронида шудаанд, дар назди мақомоти прокуратура вазифаи таъмин намудани волоияти қонун, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳимояи манфиатҳои ҷамъият ва давлатро гузоштанд.

Зарурати пажуҳиши вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура ба он вобаста аст, ки дар марҳилаи муосир барои рушди мақомоти мазкур назардошти таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷӣ, ислоҳоти фарогири такмили низом, сохтор, ваколат, иқтидори кадрии он ва таҳияи пешниҳодҳои асосноки илмӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Баҳри ҳалли вазифаҳои мазкур анҷом додани таҳлили илмии моҳияти фаъолияти прокурорӣ ҳамчун ниҳоди махсуси давлатӣ, ба таври назаррас баланд бардоштани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии он, тавсифи он ба ҳайси навъи махсуси фаъолияти давлатию ҳокимиятӣ дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар иқдоми муҳимму ҷолиб маҳсуб меёбад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия

кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми ҳуқуқи маъмурӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14. – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Ф.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Эроди алоҳида ба матни русии автореферати диссертатсия дахл дорад, ки мазмуни он дар аксар ҳолат ба маънии матни аслӣ бо забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Давлатзода Ф.М. бо забони давлатӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Довталаби унвони илмӣ Давлатзода Ф.М. қабл аз ҷойгиркунии матни электронии автореферат дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқатиро байни мазмуни матни тоҷикӣ ва русӣ бартараф намояд. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Диноршоҳ Азиз Мусо – муовини директори иҷроияи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе, д.и.ҳ., профессор;

– Наимов Бобоҷон Ғоибович – дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – “Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон” (вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд) таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис баъди бартараф кардани камбудии дар б.2 ишорашуда иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя “27” декабри соли 2023, соати 10:30 таъйин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Раззоқов Б.Ҳ.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Абдулхонов Ф.М.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
муовини сардори факултети №2
Академияи ВКД ҶТ — Шарифзода С.Ш.



10.10.2023